## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосир, ки шаклу усулҳои содир ва пинҳон намудани ҷиноятҳо пайваста мураккаб гардида, бо истифодаи технологияҳои муосир ва воситаҳои иттилоотӣ амалӣ мешаванд, масъалаи такмили асосҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ аҳаммияти махсус касб намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир тамоюли афзоиши ҷиноятҳорӣ ва мураккаб гардидани шаклҳои фаъолияти ҷиноятӣ мушоҳида мешавад. Афзоиши ҷиноятҳои вазнин, ҷиноятҳои муташаккилона, қаллобӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор аз мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва прокуратура истифодаи усулҳои нави илмӣ ва тактикиро талаб менамояд. Дар чунин шароит, самаранокии амалҳои тафтишӣ бештар аз сатҳи асоснокии қарорҳои тактикӣ, интихоби дурусти усулҳои тактикӣ ва мутобиқати онҳо ба вазъияти мушаххаси тафтиш вобаста мебошад.

Ҳамзамон, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар назарияи криминалистика то имрӯз нисбат ба мафҳум, моҳият, тасниф ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ мавқеи ягонаи илмӣ ташаккул наёфтааст. Мавҷудияти ихтилофи назарҳо нисбат ба масъалаҳои мазкур ба амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ таъсир расонида, дар баъзе ҳолатҳо боиси истифодаи гуногуни усулҳои тактикӣ ҳангоми гузаронидани

амалҳои тафтишӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи комплексии масъалаҳои мазкур ва таҳияи тавсияҳои илмӣ оид ба такмили истифодаи усулҳои тактикӣ талаботи воқеии назария ва амалия мебошад.

Аҳаммияти мавзуъ инчунин дар он ифода меёбад, ки истифодаи дуруст ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки усулҳои тактикӣ на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо мусоидат менамояд, балки кафолати риояи ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, таъмин намудани қонуният ва қобили қабул будани далелҳоро низ фароҳам меорад. Муайян намудани ченакҳои ягонаи қобили қабул будани усулҳои тактикӣ, такмили асосҳои методологии истифодаи онҳо ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба рушди минбаъдаи илми криминалистика ва такмили амалияи тафтиши ҷиноятҳо мусоидат хоҳад кард.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки мавзуи интихобнамудаи муаллиф дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи рушди муосири криминалистика, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пурра ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, мубрамияти мавзуи таҳқиқот шубҳаовар набуда, интихоби он аз ҷониби муаллиф комилан асоснок ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти илмии Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фазои баъдишуравӣ ба таври мукаммал таҳқиқ гардида, барои рушди илми криминалистика дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти маҷмуиро оид ба мафҳум, моҳият, тасниф ва ченакҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ гузаронидааст. Дар диссертатсия рӯйдодҳои мавҷудаи илмӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, нуқтаи назари муаллиф вобаста ба мазмун ва таъйиноти усули тактикӣ ҳамчун воситаи илман асосноки интихоби самаранoктарин роҳи фаъолияти муфаттиш вобаста ба вазъияти мушаххаси тафтишӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, зарурати истифодаи усулҳои тактикӣ дар асоси талаботи қонунгузорӣ, дастовардҳои илмӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ исбот гардидааст.

Навгонии таҳқиқот инчунин дар таҳияи таснифи нави усулҳои тактикӣ зоҳир мегардад. Муаллиф низоми мукаммали гурӯҳбандии усулҳои тактикиро вобаста ба алоқамандии онҳо бо ҷамъоварӣ, сабт, санҷиш, таҳлил, арзёбӣ ва

истифодаи далелҳо пешниҳод намуда, нишон додааст, ки чунин тасниф имконият медиҳад моҳият, вазифа ва доираи татбиқи ҳар як усули тактикӣ дақиқ муайян карда шавад. Ин пешниҳод барои рушди назарияи тактикаи криминалистӣ ва ташаккули амалияи ягонаи истифодаи усулҳои тактикӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Яке аз дастовардҳои муҳими илмии диссертатсия асоснок намудани хусусияти комплексии усули тактикӣ мебошад. Муаллиф исбот менамояд, ки қобили қабул будани истифодаи усули тактикӣ бояд дар асоси се меъёри асосӣ, аз ҷумла мутобиқат ба қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, асоснокии илмӣ ва мутобиқат ба меъёрҳои ахлоқӣ муайян карда шавад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки байни самаранокии фаъолияти тафтишотӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мувозинати зарурӣ таъмин карда шавад.

Навгонии таҳқиқот инчунин дар таҳлили моҳияти қарорҳои тактикии муфаттиш ифода ёфтааст. Дар диссертатсия қарорҳои тактикӣ ҳамчун натиҷаи таҳлили вазъияти тафтишотӣ ва интихоби усули аз ҳама мувофиқ ва қонунан қобили қабул арзёбӣ гардида, нақши онҳо дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишотӣ асоснок карда шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда муаллиф як қатор нуктаҳои муҳими илмиро барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, муқаррар гардидааст, ки усули тактикӣ воситаи фаъолияти муфаттиш буда, интихоби он бояд ҳамеша бо вазъияти мушаххаси тафтишотӣ алоқаманд бошад ва истифодаи қолабии он истисно гардад. Ҳамчунин, таснифи нави усулҳои тактикӣ пешниҳод шуда, зарурати ба панҷ гурӯҳи мустақил ҷудо намудани онҳо вобаста ба вазифаҳои мурофиавӣ асоснок гардидааст.

Ба сифати нуктаи дигари муҳими илмӣ муаллиф муайян намудааст, ки қобили қабул будани усули тактикӣ танҳо дар ҳолате таъмин мегардад, ки он ҳамзамон ба талаботи қонунгузорӣ, меъёрҳои илмӣ ва ахлоқии фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ ҷавобгӯ бошад. Ин хулоса барои ташаккули меъёрҳои ягонаи истифодаи усулҳои тактикӣ ва пешгирии истифодаи воситаҳои ғайриқонунӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти назаррас дорад.

Ҳамчунин, дар диссертатсия исбот гардидааст, ки қарори тактикии муфаттиш натиҷаи таҳлили вазъияти тафтишотӣ, пешгӯии рушди он ва интихоби усули аз ҳама самаранок барои ноил шудан ба ҳадафҳои тафтиш мебошад. Ин хулосаҳои илмӣ барои рушди назарияи криминалистика, такмили фаъолияти тафтишоти пешакӣ ва такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар

диссертатсия пешниҳодгардида бо маҷмуи омилҳои илмӣ, назариявӣ, методологӣ ва эмпирикӣ таъмин карда шудаанд. Пеш аз ҳама, таҳқиқоти мазкур ба дастовардҳои муосири илми криминалистика, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, назарияи умумии ҳуқуқ, инчунин, ба таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ дар самти истифодаи усулҳои тактикӣ такя намуда, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ анҷом дода шудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ ва истифодаи усулҳои тактикиро танзим менамоянд, ҳамаҷониба таҳлил гардидаанд. Ҳамзамон, таҷрибаи илмии олимони хориҷӣ ва равишҳои назариявии онҳо нисбат ба масъалаҳои тактикаи криминалистӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, барои ташаккули хулосаҳои илмии муаллиф заминаи мустаҳкам фароҳам овардаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот инчунин бо истифодаи маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмӣ таъмин гардидааст. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлил, диалектика, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-расмӣ истифода шудаанд, ки имконият додаанд масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, хулосаҳои илмӣ бо далелҳои воқеӣ асоснок карда шаванд. Интихоби дурусти методология ва истифодаи пайдарпайи усулҳои таҳқиқот ба саҳеҳии натиҷаҳои илмии бадастомада мусоидат намудааст.

Муҳимияти эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин бо заминаи васеи эмпирикии он таъмин мегардад. Дар рафти таҳқиқот фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ, воҳидҳои тафтишӣ, мақомоти прокуратура ва таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди таҳлил қарор гирифта, маълумоти оморӣ ва таҳлилии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст.

Асоснокии хулосаҳо инчунин бо он тасдиқ мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ мантиқан аз таҳлилҳои назариявӣ ва эмпирикии анҷомдодашуда бармеоянд. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили мафҳум ва моҳияти усули тактикӣ, таҳияи таснифи нави онҳо, муайян намудани ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ ва асоснок намудани мафҳуми қарори тактикӣ пайдарпай ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот мутобиқ мебошанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия ҳамчунин бо тасвиби онҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, муҳокимаи онҳо

дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин интишори натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмӣ, тасдиқ мегардад. Ин омилҳо шаҳодат медиҳанд, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз санҷиши илмӣ гузашта, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии кофӣ мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада ба рушди назарияи илми криминалистика ва такмили асосҳои назариявии истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо мусоидат менамоянд. Дар доираи таҳқиқот масъалаҳои марбут ба мафҳум, моҳият, тасниф, асосҳои методологӣ ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифта, ақидаҳои низомнок оид ба татбиқи онҳо пешниҳод шудааст. Муаллиф бори аввал дар доираи илми криминалистикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи усулҳои тактикиро ҳамчун категорияи мустақили илмӣ ба таври комплексӣ таҳлил намуда, пешниҳодҳои назариявиро оид ба муайян намудани моҳияти усули тактикӣ, таснифи он, алоқамандии он бо вазъияти тафтишотӣ ва асосҳои қабули қарорҳои тактикӣ асоснок намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи тактикаи криминалистӣ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар ин самт ҳамчун заминаи назариявӣ хизмат намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми ташкил ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ васеъ истифода шаванд. Пешниҳодҳои илмӣ оид ба муайян намудани ченакҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ, такмили механизми интихоби онҳо вобаста ба вазъияти тафтишотӣ, инчунин, тавсияҳо оид ба истифодаи қарорҳои тактикӣ барои баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳо аҳаммияти муҳими амалӣ доранд. Натиҷаҳои диссертатсия инчунин метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, таҳияи дастурҳои методӣ, омӯзиши хизматии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар раванди таълими фанҳои криминалистика, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, курсҳои махсус ва семинарҳои илмӣ истифода карда шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи пешниҳодҳои илмии муаллиф метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, истифодаи мақсадноки захираҳои моддӣ, молиявӣ ва инсонӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо мусоидат намояд. Интихоби дурусти усулҳои тактикӣ имконият медиҳад, ки мӯҳлати тафтиши пешакӣ

кӯтоҳ гардида, хароҷоти марбут ба гузаронидани амалҳои такрории тафтишотӣ ва экспертизаҳои нолозим коҳиш ёбад. Ҳамзамон, баланд гардидани сифати тафтишот ба самаранокии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва истифодаи оқилонаи имкониятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамояд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи натиҷаҳои илмии диссертатсия барои таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани сифати тафтиши ҷиноятҳо ва таъмини адолати судӣ мусоидат хоҳад кард. Муайян намудани меъёрҳои ягонаи истифодаи усулҳои тактикӣ ба пешгирии истифодаи усулҳои ғайриқонунӣ ё беасос, риояи кафолатҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва таҳкими эътимоди ҷомеа ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ замина фароҳам меорад. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқтатбиқкунӣ ва таҳкими волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳими иҷтимоӣ доранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Дар асоси натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия 9 мақолаи илмӣ нашр гардидааст. Аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар, ки сатҳи илмӣ ва эътимоднокии заруриро доранд, ба табъ расидаанд. Ин нашрияҳо саҳми муассир ва дастгирии равандҳои илмии таҳқиқоти мазкурро таъмин менамоянд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 177 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои назариявии истифодаи усулҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои криминалистии усули тактикиро таҳлил намуда, муносибатҳои гуногуни илмиро оид ба мазмун ва ҷойгоҳи он дар низоми тактикаи криминалистӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳамзамон, масъалаҳои таснифи усулҳои тактикӣ, мақсад ва вазифаҳои онҳо, инчунин, нақши онҳо дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишотӣ таҳлил гардида, хулосаҳои илмии муаллиф оид ба такмили асосҳои назариявии истифодаи усулҳои тактикӣ пешниҳод шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия асосҳои методологии истифодаи усулҳои тактикӣ ва ченакҳои қобили қабул будани татбиқи онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф асосҳои илмӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқии истифодаи усулҳои тактикиро таҳлил намуда, меъёрҳои муайянкунандаи қонуният, асоснокии илмӣ ва мувофиқати онҳо ба талаботи мурофиаи ҷиноятиро баррасӣ кардааст. Дар ин замина, ченакҳои асосии қобили қабул будани усулҳои тактикӣ муайян гардида, аҳаммияти онҳо дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ асоснок карда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаҳои таносуби усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникии криминалистӣ, инчунин, хусусиятҳои амалишавии қарорҳои муфаттиш дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф мазмун ва аҳаммияти қарорҳои тактикиро ҳамчун унсури муҳими фаъолияти тафтишотӣ баррасӣ намуда, нақши онҳо дар интихоби усулҳои муносиб ва самараноки тафтишро асоснок кардааст. Ҳамзамон, таносуби усулҳои тактикӣ ва воситаҳои тактикӣ-техникӣ таҳлил гардида, пешниҳодҳои илмии муаллиф оид ба такмили истифодаи онҳо дар амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва баланд бардоштани сифати тафтиши ҷиноятҳо мантиқан асоснок шудаанд.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро мекушояд.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:**

1. Дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои назариявии мафҳум, моҳият ва таснифи усулҳои тактикӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифта, андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муқоиса ва арзёбӣ шудаанд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе мавридҳо мавқеи муаллиф нисбат ба бархе аз назарияҳои баҳсталаби олимон танҳо дар шакли хулосаи умумӣ ифода гардидааст. Ба назар мерасад, ки агар муаллиф мавқеи илмии худро оид ба баъзе масъалаҳои баҳсӣ, аз ҷумла таносуби мафҳумҳои «усули тактикӣ», «қарори тактикӣ» ва «тактикаи криминалистӣ» бо далелҳои иловагӣ ва таҳлили амиқтар асоснок менамуд, арзиши назариявии таҳқиқот боз ҳам баландтар мегардид.

2. Дар боби дуюми диссертатсия асосҳои методологӣ ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ таҳлил гардида, меъёрҳои ҳуқуқӣ, илмӣ ва ахлоқии татбиқи онҳо пешниҳод шудаанд. Вале баъзе масъалаҳои марбут ба истифодаи усулҳои тактикӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ, истифодаи воситаҳои электронии исботкунӣ дар фаъолияти тафтишотӣ танҳо ба таври умумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба андешаи мо,

таҳлили амиқтари ин масъалаҳо метавонист ба тақвияти аҳаммияти амалии таҳқиқот мусоидат намояд.

3. Дар боби сеюми диссертатсия масъалаҳои таносуби усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникии криминалистӣ, инчунин қарорҳои тактикии муфаттиш таҳлил гардидаанд. Бо вуҷуди ин, баъзе хулосаҳои пешниҳодшуда бештар хусусияти назариявӣ дошта, барои тасдиқи онҳо истифодаи мисолҳои бештари таҷрибаи судӣ ва фаъолияти амалии мақомоти тафтишоти пешакӣ, аз ҷумла вобаста ба татбиқи қарорҳои тактикӣ дар парвандаҳои мушаххаси ҷиноятӣ, метавонист асоснокии пешниҳодҳои муаллифро боз ҳам таҳким бахшад.

Эродҳое, ки дар боло зикр гардиданд, дар маҷмуъ ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунанда надоранд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқ аз ҷиҳати илмӣ мубрам, мураккаб ва баҳснок мебошанд. Муаллиф дар рафти таҳқиқот дар асоси омӯзиши қонунгузорӣ, адабиёти илмии ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи илмии худро асоснок намуда, як қатор пешниҳодҳои муаллифиро иброз кардааст, ки чунин равиш ба табиати таҳқиқоти илмӣ комилан хос мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таҳқиқоти илмии Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» ба мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ равона гардидааст ва ба ихтисоси 5.5.12. Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мансуб аст. Диссертатсия дар доираи талаботи банди 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии давлатии талаботи академиро таъмин менамояд.

Муаллиф таҳқиқотро мустақилона анҷом дода, зимни таҳияи диссертатсия аз усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмӣ, аз ҷумла таҳлил, диалектика, усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-расмӣ истифода бурдааст. Асоснокии илмии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи сарчашмаҳои назариявӣ, таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ ва прокуратура, маълумоти омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва омӯзиши адабиёти илмии ватанию хориҷӣ таъмин гардидааст. Ин ҳолат аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф ва мустақилияти ӯ ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

Услуби таҳқиқот, мантиқи баёни масъалаҳо, дараҷаи таҳлили адабиёти илмӣ, асоснокии хулосаҳо ва мутобиқати онҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот

нишон медиҳанд, ки муаллиф дорои ҷаҳонбинии илмӣ, қобилияти баланди таҳлилӣ ва маҳорати гузаронидани таҳқиқоти мустақили илмӣ мебошад. Диссертатсия дорои навгониҳои назариявӣ ва аҳаммияти амалии назаррас буда, ба рушди минбаъдаи назарияи тактикаи криминалистӣ ва такмили фаъолияти тафтишоти пешакӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи диссертатсияҳои номзадӣ мутобиқ буда, таҳқиқоти мустақил, анҷомёфта ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Муовини сардори Мактаби олии КДАМ ҶТ
оид ба корҳои илмӣ ва таълимӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Салимов Б.А.
“3” 09 соли 2026

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи, Сино, кӯчаи А.Ҷомӣ, б.10/2, ҳ.47
Тел: (+992) 918-65-34-27 E-mail: salimov.romish@bk.ru

Имзои Салимов Б.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Мактаби олии
КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон капитан С. Каримов

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев, 54/2
Тел. (+992 237) 233-55-19
E-mail: maktabi_oli24.@mail.ru
“3” 09 соли 2026

КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мактаби олӣ
ГКНБ Республики Таджикистан. Высшая школа